**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба кори диссертатсионии Раҷабов Абубакр Ашурович дар мавзӯи «Хусусиятҳои овоӣ ва сохторию маъноии калимаҳои иқтибосии арабӣ дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10. 02. 01.-Забони тоҷикӣ**

Беш аз ҳазор сол аст, ки калимаҳои арабӣ дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ истифода шуда, ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти мардуми мо ворид гардида, ба унвони калимаҳои асосии забон дар мубодилаи афкори шахсони гуногунсоҳа ҷой доранд ва таъсири зиёде ба забони тоҷикӣ расонидаанд. Доир ба моҳияти воридшавии калимаҳои арабӣ Н. Маъсумӣ андешаҳои ҷолиб дорад. Аз ҷумла, эшон менигорад, ки «тағйироти ҷиддӣ дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ дохил шудани калима ва ибораҳои арабӣ мебошанд, ки ин на танҳо ба воқеаи таърихии дар асрҳои VII-VIII рӯйдода вобаста аст, балки протсесси дохилшавии унсурҳои забони арабӣ дар тамоми давраҳои ҳаёти тореволютсионии мардуми Осиёи Миёна давом дошт» [Маъсумӣ 1966, с.131].

Масъалаи иқтисобшавии калимаю ибораҳои арабӣ, мазмуну моҳият ва таъсири ин вомвожаҳо ба забони тоҷикӣ ва лаҳҷаҳои он диққати мутахассисони зиёдеро ҷалб кардааст. Ба ёд овардани номи муҳаққиқоне чун Б.Ғафуров, Н.Маъсумӣ, С.Сулаймонов, Т.Бердиева, В.С.Расторгуева, Р.Ғаффоров, Т.Мақсудов, М.Кабиров, М.Н.Қосимова, Д.Хоҷаев, Ҳ.Маҷидов, Ғ.Ҷӯраев, С.Хоркашев (ҳоло С.Раҳматуллозода) М.Ғозиев, К.Исмонов ва даҳҳо нафари дигар гувоҳи он аст, ки масъалаи вомвожаҳои арабӣ муҳим буда, диққати аҳли илмро барои мавриди омӯзиш қарор додани онҳо ҷалб намудааст.

Агар ба таҳқиқи мутахассисон назар афканем, мушоҳида кардан мумикн аст, ки гурӯҳе аз онҳо воридшавии вожаҳоро (махсусан, калимаҳои арабиро) таъсири номатлуб ба забон медонанд, аммо гурӯҳи дигар онро чун сарчашмаи асосии такмили таркиби луғавӣ мешуморанд. Ба андешаи мо, воридшавии вожаҳои забонҳои бегона дар сурати мусбат

буда метавонад, ки ба тамоми қоидаву қонунҳои забони тоҷикӣ мутобиқ шуда бошанд.

Албатта дараҷаи истифодаи онҳо дар забони адабии тоҷикӣ ва лаҳҷаҳои забонамон баробар нест. Зимни истифода дар забони адабӣ дар тули солиёни зиёд ба меъёрҳои савтию грамматикӣ ва луғавии забон мутобиқ шуда бошанд ҳам, таъсири худро ба забон расонидаанд, ки сабабҳои худро доранд. Ба андешаи муҳаққиқ Ғ.Ҷӯраев «…меъёри мақому миқдори калимаҳои иқтибосӣ на муносибати хешию мавқеи ҷуғрофӣ, балки пеш аз ҳама, воқеаҳои таърихӣ, гузашти асрҳо ва заруратҳои зиндагӣ ба шумор меравандۨ» [Ғ. Ҷӯраев. Системаи лексикаи лаҳҷавии забони тоҷикӣ. Душанбе: Дониш, 2017, с.242], ки ба он розӣ шудан мумкин аст.

Бо вуҷуди он ки корҳои зиёде дар самти баррасии вомвожаҳои арабӣ рӯйи кор омадааст, ҳанӯз масоили зиёде ба риштаи таҳқиқ кашида нашудааст, ки муҳаққиқи худро интизоранд. Аз ҳамин нуқтаи назар интихоби мавзӯи **«Хусусиятҳои овоӣ ва сохторию маъноии калимаҳои иқтибосии арабӣ дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ»** аз тарафи Раҷабов Абубакр Ашурович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. -Забони тоҷикӣ саривақтӣ мебошад.

Дар баробари иқтибосоти дигар забонҳо вомвожаҳои арабӣ дар таркиби луғавии лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ мавқеи муҳим доранд. Ин ба он маънӣ аст, ки ҳам хусусиятҳои овоӣ ва ҳам луғавии вожаҳои арабӣ ба ин лаҳҷаҳо таъсир карда, ҷойгоҳ ва мавқеи мустаҳкам пайдо кардаанд. Маҳз бо доштани овозҳои махсуси иқтибосии арабӣ ва дар қабатҳои мухталифи таркиби луғавии ин лаҳҷаҳо истифода шудани лексемаҳои арабӣ шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ аз дигар шеваҳо фарқ мекунад. Бо ҷалби маводи фаровон ошкор сохтани хусусиятҳои савтӣ, луғавию сохтории калимаҳои арабӣ ва омилҳои воридшавии онҳо ба лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ яке аз масъалаҳои муҳими илмиест, ки

**мубрам будани мавзӯи** интихобнамудаи Раҷабов Абубакр Ашуровичро нишон медиҳад.

Муаллиф назди худ **ҳадаф гузоштааст**, ки бо истифода аз **усули синхронӣ** вомвожаҳои арабии шеваҳои ҷанубиро гирдоварӣ карда, аз нигоҳи савтиёт, мансубияти онҳо ба қабатҳои семантикию соҳавӣ ва сохторӣ баррасӣ намуда, вижагиҳои фарқкунандаи онҳоро дар қиёс бо забони адабии муосири тоҷик ва дигар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ нишон диҳад. Дар ҳалли ин ҳадаф ба муаллифи диссертатсия нақша ва ё сохтори мукаммали илмӣ кумак кардааст. Ин аст, ки бо мақсади амалӣ кардани ҳадафҳои корӣ мундариҷаи диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳрасти адабиёти илмӣ иборат буда, дар ҳаҷми 169 саҳифаи чопи компютерӣ танзим гардидааст.

Муқаддимаи кор шомили масоили мубрам будани масъала, дараҷаи азхудкунӣ, заминаҳои назариявию методологӣ, мақсад ва ҳадафҳои таҳқиқ, объект ва мавзӯи таҳқиқ, масъалаҳо, усулҳо, марҳилаҳо ва соҳаи таҳқиқот, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқ, эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ, навгониҳои илмии таҳқиқ, аҳамияти назарию амалии таҳқиқот, нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия, ҳаҷм ва сохтори диссертатсия мебошад.

Боби аввали диссертатсия **«Омилҳои воридшавӣ ва хусусиятҳои овоии калимаҳои иқтибосии арабӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ»** номгузорӣ шуда, дар чор фасли он масъалаҳои муҳими илмии сабабҳои иҷтимоӣ, таърихӣ ва забонии воридшавии калимаҳои иқтибосии арабӣ ба лаҳҷаҳои ҷанубӣ, баррасии хусусиятҳои овозҳои ҳалқии рӯякии айн (ع) ва ҳо-и ҳуттӣ (ح) дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ва мувофиқати ҳамсадоҳои арабӣ бо овозҳои хоси тоҷикӣ мавриди омӯзиши илмӣ қарор гирифта, хулосаҳои амиқи илмӣ гирифта мешавад. Муаллифи диссертатсия бо истифода аз осори илмии мавҷуда сабабу омилҳои воридшавии иқтибосотро муайян карда, моҳияти овозҳои хоси забони арабиро матраҳ кардааст. Дуруст хулоса мешавад, ки «таъсири забони арабӣ ба забони тоҷикӣ таърихи дурудароз дорад, ки он то истилои араб ва баъд

аз онро фаро мегирад» [Диссертатсия, саҳифаи 49]. Дар ҳақиқат, осори таърихӣ муносибатҳои халқҳои арабу аҷамро аз давраҳои хеле қадимтар аз замони пайдоиши ислом қаламдод намудаанд, ки он ба забон низ бе таъсир намондааст. Дар ин давраи дарози таърихӣ қисме аз калимаҳои арабӣ аз маънои аслии худ дур рафта, қисми дигар ба маънои аслии худ маъмуланд, аммо нишонаҳои савтӣ, сарфӣ ва маъноии онҳо боқӣ мондаанд, ки ҳамаи инҳо дар доираи маводи лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ аз тарафи муаллифи диссертатсия мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтаанд.

Боби дуюми диссертатсия **«Хусусиятҳои луғавию маъноии калимаҳои арабӣ дар шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ»** ном дошта, дар он масоили марбут ба қабатҳои семантикӣ ва мансубияти калимаҳои арабӣ ба соҳаҳои ҳаёти ҷомеа баррасӣ гаштааст. Дар ҳафт фасл ва нуҳ зерфасли ин боб бо зикри матолиби муқаддамотӣ ба масъалаи таҳқиқи вомвожаҳои арабие, ки дар шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ ба унвони қабатҳои гуногуни семантикию соҳавӣ истифода мешаванд, даст зада, хусусиятҳои синонимӣ (муродифшавии исм, сифат, зарф, муродифоти ҷуфтистеъмол), антонимӣ, сермаъноӣ (сермаъноии исму сифат), омонимӣ (омонимшавии исму сифат ва омонимҳои омехта), мавқеи калимаҳои арабӣ дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ ва ҷойгоҳи вомвожаҳои арабӣ дар такмили калимаҳои соҳавии шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ муайян гаштаанд.

Аз кори диссертатсионӣ маълум мегардад, ки ҷойгоҳи иқтибосоти арабӣ дар ташаккули калимаҳои синонимию ҷуфтҳои синонимӣ, антонимию ҷуфтҳои антонимӣ, дар созмон ёфтани вожаҳои ҳамгуну ҳамовоз (омонимҳо) калон аст. Бо истифода аз калимаҳои арабӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ қабатҳои гуногуни семантикӣ ташаккул ёфтааст, ки барои таъсирбахш баромадани нутқи ҳомилони лаҳҷаҳо хизмат кардаанд. Дар ташкили воҳидҳои фразеологӣ низ иқтибосоти арабӣ мақоми махсус доранд, зеро онҳо ба ҳайси вожаҳои калидии ин қабати луғавӣ омада, дигар калимаҳоро ба худ тобеъ кардаанд. Ин хусусиятҳо

низ дар диссертатсияи Раҷабов Абубакр Ашурович ба таври бояду шояд, мутобиқи мақсаду вазифаҳои дар пеш гузоштааст, баррасӣ шудаанд.

Боби сеюм, ки **«Хусусиятҳои морфологии калимаҳои иқтибосии арабӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ»** номгузорӣ гардидааст, ба масъалаҳои сохтори калимаҳои арабӣ ва тавассути онҳо сохта шудани калимаҳои нав дар лаҳҷаҳо бахшида шудааст. Ин боб аз панҷ фасл иборат буда, аз баррасии масъала дар забоншиносӣ оғоз гардида, дар фаслҳои он бо пасвандҳои тоҷикӣ ва иқтибосоти арабӣ сохтани калимаҳо, ҷойгоҳи калимаҳои арабӣ дар ташаккули воҳидҳои луғавии мураккаб, мақоми ҷузъҳои арабӣ дар таҳаввули феълҳои таркибӣ ва истифодаи қолибҳои калимаҳои иқтибосии арабӣ дар шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ аҳамияти махсус дода мешавад. Ин боб низ мисли бобҳои пешин бо хулосаҳои мантиқӣ ҷамъбаст гардидааст.

Мисли бобҳои пешин дар ин боб ҳам муаллифи диссертатсия осори олимони соҳаро баррасӣ карда, андешаҳои онҳоро матраҳ намудааст. Маълум мегардад, ки муҳимтарин андешаҳо ба қалами муҳаққиқоне чун В.С.Расторгуева, А.Л.Хромов, Р.Ғаффоров, Ғ.Ҷӯраев, А.З.Розенфелд, М.Маҳмудов, Ҷ.Мурватов, У.Обидов, М.Маҳадов, Б.Бердиев, С.Раҳматуллозода дигарон марбут аст, ки дар ин боби рисола мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Аз таҳлилу баррасиҳо дар диссертатсия маълум мегардад, ки бо калимаҳои арабӣ, асосан, пешванди **ҳам-, ба-, бо-, но-, бе-** ва пасвандҳои **-а, -гар, -ак, -ча, -чӣ, -гоҳ** (дар исмсозӣ), **-ӣ, -нок, -манд, -ин, -ина, -вар** (дар сифатсозӣ) омада, дар тавлиди вожаҳои нав сермаҳсул ба шумор меранд.

Маводи гирдовардаи муаллиф ва таҳқиқи илмии суратгирифта гувоҳи он аст, дар сохтани вожаҳои детерминативӣ, асосан, қолибҳои исм+исм, исм+сифат, исм+асоси замони гузаштаи феъл саҳим мебошанд.

Бо таваҷҷуҳ ба ин ки калимаҳои арабӣ дар сохтани феълҳои таркибии номӣ нақши муҳим доранд, ба ин масъала фасли алоҳида бахшида шуда, нақши феълҳои ёвари **кардан, додан, рафтан, шудан** дар

ташаккули ин навъи феълҳо бо мисолҳои фаровон нишон дода шуда, имкониятҳои тағйирёбии семантикаи ҷузъҳои ёвар, ки бо вожаҳои арабӣ ифода меёбанд, таҳлили илмӣ мегарданд.

Бо қолибҳои иқтибосии арабӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ вожаҳои зиёде ба мушоҳида мерасанд, ки муаллифи диссертатсия онҳоро ба дурустӣ дарк карда, ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Истифодаи калимаҳо бо қолибҳои **фаъл** (فَعْل), **фаъал** (فَعَل), **мафъал** (مَفْعَل), **мафъил** (مَفْعِل), **мифъол** (مِفْعال), **фаъил** (فَعِل), **фаъул** (فَعُول), **фиълат** (فِعْلَت), **фиъол** (فِعال), **ифъол** (إِفْعال), **истифъол (إِسْتِفْعال)**, **ифтиъол (إِفْتِعال)**, **тафъил (تفعيل)**, **тафаъъул (تَفَعَّل)**, **тафоъул** (تَفاعُل), **фоъил (فاعِل)**, **муфаъъил (مُفَعِّل)**, **муфоъил (مُفاعِل)**, **муфъил (مُفْعِل)**, **мафъул** (مَفعُول), **муфаъъал (مُفَعَّل)**, **муфъал (مُفْعَل)**, **афъол** (افعال), **мафоъил** (مَفاعِل), **фуъало** (فُعَلاء), **фуъул (فُعُول)** ва ғайра дар кор бо мисолҳои лаҳҷавӣ таҳлили илмӣ шуда, дараҷаи корбуди онҳо нишон дода мешавад, ки барои илм хеле муҳим мебошанд.

Мисли бобҳои пешин боби сеюм ҳам бо хулосаҳои мантиқии илмӣ ҷамъбаст карда шудааст.

Хулосаи диссертатсия ҷамъбасти фикру андешаҳои бобҳои кор буда, дар 12 банд танзим гардидааст.

Рӯйхати адабиёт мутобиқи талаботи КОА назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим шудааст.

Дар баробари муваффақиятҳо баъзе камбудию норасоиҳо ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо дар оянда боиси беҳтар шудани сифати кор хоҳанд шуд.

1.Ба назари мо бо таваҷҷуҳ ба ин ки дар шевашиносии тоҷик **лаҳҷаҳои** ҷанубии забони тоҷикӣ дар маҷмӯъ **шеваи** ҷанубии забони тоҷикӣ дониста шуда, дар асоси ҳамин меъёр монографияи панҷҷилдаи «Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» ҳанӯз солҳои ҳаштодуми асри гузашта нашр шуда буд, мебоист номи диссертатсия дар шакли «**Хусусиятҳои овоӣ ва сохторию маъноии калимаҳои иқтибосии арабӣ дар шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ»** таҳрир мешуд.

2.Дар таҳқиқи вомвожаҳои арабӣ донишмандони форсизабону даризабон аз қабилӣ М.Баҳор, А.Содиқӣ, Ҷ.Машкур, Т.Бассорӣ ва дигарон саҳм доранд. Хуб мешуд, ки аз назариёти онҳо низ баҳрабардорӣ сурат мегирифт.

3.Азбаски қолибҳои калимаҳои арабӣ дар бахши алоҳидаи боби сеюм (саҳ. 133-145) муфассал баррасӣ мегарданд, дар фасли дуюми боби якум дар ним саҳифа (саҳ.24) овардани онҳо чандон зарур нест.

4.Дар диссертатсия маводи хуби лаҳҷавӣ гирд омадааст, ки тавассути алифбои кириллӣ дар шакли курсив ва аз рӯйи зарурати таҷзияву таҳлил калимаҳои такягоҳӣ бо сиёҳи баланд дода мешаванд. Ба андешаи мо вақти он расидааст, ки бо сабаби хусусияти илмӣ доштани алифбои лотинӣ маводи лаҳҷавӣ бо ин алифбо дода шавад.

5.Агар зимни таҳқиқи пасвандҳо бо истифода аз усули диахронӣ таърихи пайдоиши вандҳои калимасоз баррасӣ ва нишон дода мешуд, дар муайян намудани гурӯҳҳои лексикӣ-грамматикии вожаҳо мусоидат мекард.

6.Дар транскрипсияи шевашиносӣ овози **«ӣ»** дар шакли **«ú»** дода мешавад. Аз чи сабаб бошад, ки ин меъёр дар диссертатсия риоя нашудааст.

7.Дар диссертатсия иштибоҳоти имлоӣ ва аломатҳои китобат (саҳ. 6, 8, 18, 53, 97, 109) дида шуд, ки ислоҳи онҳо ҳусни корро меафзояд.

Дар маҷмӯъ, кори диссертатсионие, ки аз ҷониби **Раҷабов Абубакр Ашурович** дар мавзӯи **«Хусусиятҳои овоӣ ва сохторию маъноии калимаҳои иқтибосии арабӣ дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ»** пешниҳод гардидааст, кори ба анҷом расидааст. Масоили марбут ба калимаҳои арабӣ, ки дар асоси маводи гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ пешниҳод кардааст дар самти баррасии масоили иқтибосот кори ҷиддии илмӣ мебошад. Ба назари мо, камбудию норасоиҳои овардашуда, ислоҳшаванда буда, хусусияти баланди илмӣ-назариявӣ ва амалии кори таҳқиқии муаллифро кам намесозанд.

Автореферати диссертатсия (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ), мақолаҳои доир ба мавзӯъ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мунташирнамудаи муаллиф мазмуну мундариҷаи кори диссертатсиониро пурра инъикос менамоянд.

Кори диссертатсионӣ аҳамияти муайяни илмӣ-назариявӣ ва амалӣ дорад.

Ҳамин тавр, диссертатсияи **Раҷабов Абубакр Ашурович** дар мавзӯи **«Хусусиятҳои овӣ ва сохторию маъноии калимаҳои иқтибосии арабӣ дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01.-Забони тоҷикӣ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мебошад.

Мудири кафедраи забони тоҷикии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, д.и.ф., профессор                Ҷумъахон Алимӣ

Имзои Ҷумъахон А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК КМ Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ                Амиров Ф.

Суроға:735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16,
E-mail:alimi62@mail.ru,
Тел.(+992) 918112662
«5» апрели соли 2021